# Ваҳдати миллӣ - асоси субот ва пешрафти Тоҷикистон

18 июни соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ таҳти унвони «Ваҳдати миллӣ- асоси субот ва пешрафти Тоҷикистон» баргузор гардид.

Конференсияро директори муассиса, номзади илмҳои техникӣ Сироҷиддин Ниёзӣ ифтитоҳ намуда, аз аҳамияти таърихии Ваҳдати миллӣ ҳамчун дастоварди бузурги давлатдории навини тоҷикон ёдовар шуд. Мавсуф дар суханронии худ аз таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар гардид, ки: «Ваҳдати миллӣ дар таърихи навини давлатдории миллати тоҷик бозёфти арзишмандтарин мебошад, зеро он барои амалӣ гардидани ормонҳои халқамон, ки бо қалби пур аз умед интизори сулҳу оромӣ ва дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ буданд, заминаи воқеӣ гузошт». Таъкид гардид, ки маҳз Ваҳдати миллӣ омили асосии суботи сиёсӣ, пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории мустақили Тоҷикистон мебошад.  Сипас мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳо ва китобҳои дарсии ақаллиятҳои миллии муассиса, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Шарифамоҳ, дар мавзуи «Барқарории сулҳ ва таҳкими Ваҳдати миллӣ» маърӯза намуд, иброз дошт, ки аҳамияти ваҳдату ҳамдилӣ дар заминаи рушди устувори ҷомеа, таҳкими худшиносии миллӣ ва тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ мавқеи меҳварӣ дорад. Ҳамчунин, дар раванди чорабинӣ иштирокчиён – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Лутфия, номзади илмҳои педагогӣ Амонов Салохудин ва Имомназаров Давлатназар андешаҳои худро оид ба роҳҳои таҳкими ваҳдати миллӣ, ҳифзи сулҳу субот ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ифтихори миллӣ иброз дошта, ба таҳкими арзишҳои миллӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории тоҷикон аҳамияти махсус зоҳир намуданд.











